# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи он забонҳое мебошад, ки дар ҷараёни ташаккулу такомули хеш марҳилаҳои зиёди таърихиро аз сар гузаронида, бо он осори илмиву адабии бешуморе офарида шудааст. Садҳо осори илмӣ, аз ҷумла осори мансуб ба соҳаи тиб аз ҷониби олимони форсзабон ба мисли «Ҳидоятулмутааллимин фи тиб»-и Ахвайнии Бухорой, «Китоб-ул-абния»- и Мувафақуддини Ҳиравӣ, «Донишнома»- и Ҳаким Майсарӣ, «Ат-танвир»- и Абумансури Қамарӣ (асрҳои IX-X), «Захираи Хоразмшоҳӣ» ва «Ёдгор»- и Исмоили Ҷузҷонӣ (асри XI) таълиф гардидаанд. Ба ҷуз осори фавқуззикр, асрҳои баъдӣ рисолаҳои зиёде бо ин забон дар қаламрави Ҳинд ва манотиқи дигар ба вуҷуд омад, ки ин ҳама аз эътибору манзалат ва неруву тавоноии забони форсии тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Мусаллам аст, ки осори табиб ва луғатшиноси тоҷик Ҳомид Зоҳидов «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз ин мероси муътабари ниёгон сарчашма гирифта, бо забони содаву оммафаҳми тоҷикӣ навишта шудаанд. Дар баробари арзиши илмӣ, ин осор дорои забони фасеҳ буда, хазинаи бузурги луғоту истилоҳоти тибби ниёгон ҳастанд, ки онҳо ниёз ба омӯзишу таҳлил доранд, ки унвонҷӯ Ҳусанбоев Нодир рисолаи худро ба баррасии ҳамин масъала бахшидааст.

Кори диссертатсионии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муосир – «Истилоҳоти тиббӣ дар осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» бахшида шудааст.

Бо дарназардошти пурғановат будани соҳаи тибб ва кам омӯхта шудани истилоҳоти ин бахши илм, тадқиқоти Нодир Ҳусанбоев мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Нововарии диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир дар он зоҳир мешавад, ки то кунун осори тиббие, ки аз ҷониби табибони мардумии тоҷик таълиф шудаанд, ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудаанд. Махсусан, як гурӯҳ вожаҳо ва ибораҳое, ки дар тиб истифода шуда, барои ифодаи мафҳумҳои тиб ба мисли номи давоҳо, бемориҳо, мизоҷу кайфияти давоҳо, ашёву олоти тиббӣ, воҳидҳои вазн дар тибби суннатӣ аз ҷиҳати маъно ва хусусиятҳои луғавӣ ба таҳлил кашида шудаанд, ки яке аз масоили мубрами забоншиносии муосир маҳсуб меёбанд. Диссертант ҳангоми таҳияи

рисолаи хеш бо истифода аз маводи фарҳангҳову осори тиббии суннатӣ афкори хешро тақвият бахшидааст, ки ҷанбаи илмии диссертатсияро асоснок менамоянд.

Диссертатсияи мавриди назар аз рӯйи талаботи таълифи рисолаҳои илмӣ таҳия шуда, мундариҷа ва мазмуни он ҷавобгӯи меъёрҳои муқарраршуда мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия масоили зарурӣ, самтҳову мақосиди тадқиқот ва нукоти муҳим мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, ки аз он метавон ба аҳдоф ва масъалагузориву гиреҳкушоии онҳо аз ҷониби муаллиф ошноӣ пайдо намуд.

Бобу фаслҳои рисола паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд ва ҳар кадоме дар таносуб тарҳрезӣ гардидаанд.

Унвонҷӯ ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро аз ҷиҳати илмӣ муайян кардааст.

Таҳқиқоти Ҳусанбоев Нодир «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» дорои арзиши илмиву амалӣ буда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажуҳиши комплексӣ мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ дар осори тиббӣ бахшида шудааст. Дар рисолаи мавриди тақриз муаллф ба дастовардҳои назаррраси илмӣ ноил гардида, барои тавсеа пайдо намудани истилоҳоти соҳаи тибби муосир саҳам гузоштааст, ки ин ҳама арзиши амалии тадқиқоти ӯро тақвият бахшидаанд.

Чунонки маъмул аст, баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати диссертант ва баланд шудани мазмуни рисола ва арзиши илмии он хоҳанд буд:

1. Муаллиф зимни баррасии баъзе масъалаҳо бо овардани мисолҳо аз манбаъҳои илмӣ кифоят намуда, аз зикри афкори хеш иҷтиноб намудааст (с. 82, 84, 96, 104);

2. Дар бахши феҳристи адабиёт дар тартиби овардани номи осори илмӣ баъзе ғалатҳо мушоҳида гардида, якнавохтӣ ба назар намерасад;

3. Дар қисмати русии автореферат баъзе ҷумлаҳои таҳрирталаб ва услубан нодуруст ба назар мерасанд, ки мафҳуму матолибро дуруст ифода накардаанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни илмии корро паст намекунанд ва автореферати диссертатсияи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов (ҷанбаи лингвистӣ)» таҳқиқоти комил ва

анҷомёфта маҳсуб меёбад. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси илмии 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Муқарриз, н.и.ф, дотсент Майнусов Д.Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
Имзои Майунусов Д.Ф. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДҲБСТ Мирпочоев И.Ҳ.

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, 17 мкр-н., хонаи 1
«Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон»
телефон: 992(3422)2-38-11
факс: +992(3422)2-51-70.

«11» декабри соли 2023